

*Ҷаҳон бо нур мебояд гирифтан...*

# НУРАФШОН

январи соли 2023, №1 (87) / Email: nurafshon2022@mail.ru

Аз моҳи феврали соли 2015 нашр мешавад.

**Нашрияи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон**


## ПАЁМ: БОЗ ЯК ДАРИЧАЕ БАРОИ ФАТҲИ ҚУЛЛАҲОИ БАЛАНДИ ИЛМ

Дар Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон ҷамъомади васеъи аҳли кормандони донишкада баргузор гардид, ки дар он мухтавои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии мамлакат аз 23 декабри соли 2022 мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Дар ин бора ректори донишкада дотсент Исозода Диловаршо Тариқ ба иштирокдорони ҷамъомад гузориши муфассал ироа намуда, оиди нуктаҳои асосии Паём ёдовар шуданд. Аз ҷумла, ректори донишкада таъкид карданд, ки дар Паём дар қатори дастовардҳои назаррас дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат, инчунин, Президенти давлат дар бораи рушди ояндаи илму маориф, тарбияи ҷавонон ва омодасозии онҳо ҳамчун шаҳрвандони соҳиби касбу ҳунар ва баланд бардоштани сатҳи худшиносии миллӣ ватанпарастии онҳо, ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои миллию давлатӣ, дастуру ҳидоятҳо доданд.



Ректори донишкада қайд карданд, ки ҷиҳати амалӣ намудани дастуру ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат, ки дар ин Паём зикр ёфтаанд, аҳли кормандон, олимону муҳаққиқони донишкада ҳамаи имкониятҳои таълимию технологияи замонавиро доранд. Вобаста ба ин, дар донишкада фаъолияти Маркази инноватсионӣ, рушди истеъдодҳо ва Парки технологии амалкунанда бояд пуркувват гардонида шавад.

Таҷрибаи ҷалби ҳамасолаи омӯзгорону донишҷӯёни донишкада ба касбомӯзиро васеътар намуда, дар ҳамин асос Маркази нави касбомӯзӣ ташкил намудан аз рӯи мақсад мебошад. Дар идомаи суханронии худ ректори донишкада пешниҳод карданд, ки ҷиҳати дар амал иҷро намудани дастури Пешвои миллат дар масъалаи истифодабарии «энергияи сабз» ва дар ҳамин замина рушди «иқтисодиёти сабз», дар донишкада ташкил намудани кафедраи энергия ва иқтисодиёти сабз як ҳадафи асосӣ дар соли таҳсили 2023-2024 хоҳад буд. Ҳамзамон, барои баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот тавассути муассисаи муштарак, бо донишгоҳу донишкадаҳои ватанӣ ва хориҷӣ созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонидан зарур ва иҷрошаванда аст. Дар ин бора Раёсати донишкада ба унвонии Вазоратҳои дахлдор ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мурoҷиатномаи асоснок пешниҳод хоҳад кард.

Дар рақандри ҷамъомади мазкур мушовири ректори донишкада А.А.Ализода, муовинони ректор Ф.Ҳ. Зувайдуллозода, Обидҷони Шаҳобиддини Қувватзода ва З.Ҷ.Шарифова ва дигарон баромад намуда, фикру мулоҳизаҳои худро пешниҳод карданд. Аз ҷумла, пешниҳод шуд, ки мухтавои Паёми Президенти давлат дар маҷлисҳои факултету кафедраҳо, инчунин дарсҳои тарбиявӣ бо донишҷӯён, мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

**Акмал Қурбон**

> **Сухани рӯз**
>
> ***Таъкид менамоям, ки мардуми шарифи кишвар бояд маданияти истифодаи нерӯи барқ, яъне сарфакориро риоя кунанд ва тавассути истифодаи таҷҳизоти каммасраф ва паст кардани талафот самаранокии истифодаи онро таъмин намоянд.***
>
> **Эмомалӣ Раҳмон**

---

## САДА-ҶАШНИ ТАЪРИХӢ

саҳ. 2




## ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГӢ

саҳ. 3



## Панду андарзҳои бузургон

саҳ.4



*Дар тарбияи насли худогоҳу худшинос мактабу муаллим нақши муҳим доранд ва онҳо воқеан ганҷинаи маънавии халқамон ба ҳисоб меравconfigured.*

*Эмомалӣ Раҳмон*



# САДА-ҶАШНИ ТАЪРИХӢ

Ҷашни Сада ба монанди ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон, ҷашни миллӣ буда, анъана ва оину суннатҳои ниёгонро дар худ нигоҳ дошта, то ба замони мо мустақилияти худро ҳифз намудааст. Решаи ҷашнҳои мардуми ориётабор аз ибтидо бо табиату кайҳон ва иҷтимоии башарӣ иртибот доштааст. Ба ҳамин тартиб, решаи аксари ҷашнҳои ориёӣ бархоста аз кашфиётест, ки ошкор шудани он ба нафъи тамоми ҷомеи башарӣ будааст.

Бино ба тадқиқоти олими мардумшинос ва мутахассиси фолклор Равшан Раҳмонӣ таърихи нишонаҳои пайдоиши ҷашни Сада, ки марбут ба Хуршед ва тимсоли он оташ мебошад, хеле қадимӣ буда, ба замони пеш аз ориёӣ ва ҳатто аз он ҳам дуртар мерасад. Доир ба арзи ҳастӣ намудани он аввалин ахбор дар фарҳанги гуфторӣ (шифоҳӣ), устураҳои мансух ишора рафта ва тавассути ин ду сарчашма ба осори хаттӣ роҳ ёфтааст. Хеле муҳим аст, ки боварҳо ва нишонаҳои эътиқод ба Хуршеду оташ, ки сабабгори аслии ба вуҷуд омадани ҷашни Сада мебошад, то имрӯз дар байни мардумони гуногуни олам ба назар мерасад.

Бо пайдо шудани оташ ва муқаддас гардидани он мардуми пешин барои худ ҷашни Садаро интихоб карданд. Ин аз як тараф ифодагари рамзи ҷовидонагии Хуршед ва муқаддас донистани оташ мебошад, аз тарафи дигар ба зиндагии инсон ва робитаи ӯ бо табиат вобастагии ногусастанӣ дорад. Баъдҳо маҳз пайдо шудани «ҷашни оташ» ва ҳамчун рамзи Хуршед донистани он ҷашни Сада дар миёни мардум густариш пайдо кард.

Дар бораи пайдоиши ҷашни Сада назарҳо гуногун мебошанд. Баъзе муҳаққиқон ва донишмандон онро ҷашни замони ориёӣ мепиндоранд ва иддаи дигар падидории онро пеш аз даврони ориёиҳо медонанд. Вале ба ҳар сурат пайдоиши ҷашни Сада ва устураҳои марбут ба он ба масъалаи таҷҷамӯи рӯшноӣ ва оташ вобаста мебошад ва аз таҳаввули ташаккули қавмҳои ориёӣ дарак медиҳанд, ки онҳо ин ҷашнро аз пешиниён гирифтанд ва баъдиҳо онро то рӯзгори мо расониданд. Агар аз ин




нуқтаи назар ба ҷашни Сада наздик шавем, нахуст аз ҳама моҳияти мақулаҳои хуршед,



рӯшноӣ ва оташ пеши назар меоянд, ки ҳар кадомаш ба ҳаёти инсон ва табиат вобастагии хос доранд. Ба ҳамагон маълум аст, ки маҳз ба воситаи рӯшноии Хуршед тамоми мавҷудоти олам зинда аст ва ҳаракат мекунад. Дар ин бора Пешвои миллат дар навиштаҳои худ ишорати ҷолибе доранд, ки чунин аст:

«Дар миёни қувваҳои сершумори бадӣ, дар дашту ҷангалҳои Осиёи Марказӣ, ки ҷони инсонро дар азоб ва ба таҳлука меандохт, бахусус хушкӣ ва торикӣ бисёр зиёновар буданд. Онҳо дарёфта буданд, ки бар зидди неруҳои номбаршудаи бадӣ, озар ё оташ ва раъду барқ муассир буданд. Бар зидди торикӣ бошад, Хуршед, чун унсури тавоно муқаддас дониста мешуд. Нисбати ҳамин аст, ки Хуршед дар миёни нажоди қавмҳои зиёди олами бостон ситоиш ва парастиш шудааст»
— Эмомалӣ Раҳмонов. «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ», 2006, С.263

Ҳамин хусусиятро инсонҳои замони бостон эътироф намуда, аз гармии Хуршед баҳра мебурданд ва алоҳида онро ниёиш карда, пасон, рӯшноӣ ва оташро ба он нисбат дода, ин унсурҳои табиирo кашф карданд ва ба онҳо эътиқод оварда, ба парастишашон оғоз намуданд, ки баъдҳо муҷиби пайдо шудани ҷашни Сада гардидааст.

Дар фарҳанги суннатии ниёгони мо мубоpизаи равшанӣ ва торикӣ ҳамчун ҷавҳари маънавӣ нақши калидӣ доранд, ки он ба ҷашни Сада низ алоқаманд мебошад. Дар доираи ташаккули ҳамин унсурҳои ба ҳам зид гузаштагони мо, аз ҷумла қавмҳои ориёӣ ду фасли сол доштанд, ки ин ҳамон муборизаи Ҳурмузду Аҳриман ва муборизаи равшанӣ бо торикиро ба ёд меорад. Якеро тобистони (ҳама [hama]) бузург меномиданд, ки он ҳафт моҳро дар бар мегирифт ва аз оғози фарвардин (баробари 21-ум ва гоҳе 22 марти тақвими мелодӣ) шурӯъ шуда, то охири моҳи меҳр (баробари 22 октябри тақвими мелодӣ) идома меёфт. Дуюмиро зимистони (зайана [zayana]) бузург мегуфтанд, ки аз аввали моҳи обон (баробари 23 октябри тақвими мелодӣ) сар мешуд ва то поёни моҳи исфандро (баробари 20 марти тақвими мелодӣ) дар бар гирифта, 150 рӯз идома меёфт.

**Билоли Ҳигматулло**

*Мо умед дорем, ки ҷавонон дар раванди таҷдиди ҷомеа тавассути таҳким бахшидани фикру андешаи нав, бахусус ҳифзи истиқлоли давлатӣ ва дастовардҳои он, арзишҳои бунёдии миллатсозӣ ва ватансозиву ватандорӣ бо давлату Ҳукумат ҳамкории фаъол мекунанд.*

***Эмомалӣ Раҳмон***

## Натиҷагирӣ аз фаъолияти яксолаи Донишкада

Таҳти сарварии ректори Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон Исозода Диловаршоҳ Тариқ ҷаласаи васеъи Шӯрои олимони Донишкада баргузор гардид.

Дар ҷаласа ҳисоботи ректори Донишкада Исозода Д.Т. дар бораи фаъолияти Донишкадаи



энергетикии Тоҷикистон дар самтҳои таълим, илм, инноватсия, татбиқи лоиҳаҳо, донишу малакаи донишҷӯён, корҳои илмӣ –таҳқиқотии омӯзгорон ва дигар масъалаҳо шунида шуд.

Бо инобати хулосаҳои ҳисобот ва таклифу пешниҳодоти аъзои Шӯрои олимони Донишкада ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо ва беҳтар гардонидани раванди таълиму тарбия қарори дахлдори Шӯрои олимон қабул гардид.

**«НУРАФШОН»**

## ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГӢ

Бо иштироки номояндаи Сарраёсати ҳифзи муҳити зист дар вилояти Хатлон Тураев Р., муовинони ректор Обидҷони Қ., Шарипова З., раиси Иттифоқи касабаи Донишкада Эмомов Б. Омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишкада мизи мудаввар дар мавзӯи “Маърифати экологӣ барои рушди устувор ва иқтисодиёти сабз” ба амал намудани Барномаи давлатии “Маҷмуъи рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2021-2025” баргузор гардид.

Сараввал раиси Иттифоқи касабаи Донишкада Эмомов Б. баромад намуда, ташкили маҳфилҳои илмиро яке аз ҳадафҳои асосии баланд бардоштани маърифати экологии донишҷӯён ва ҷомеа арзёбӣ кард.



Сипас омӯзгорон ва донишҷӯён бо маърӯзаву мақолаҳояшонро дар мавзуъҳои гуногуни соҳаи экология баромад намуданд.

Дар идомаи чорабинӣ бахри баланд бардоштани маърифати экологӣ аз тарафи намояндаи Сарраёсати ҳифзи муҳити зист дар вилояти Хатлон Тураев Р. китобу буклетҳои иттилоотӣ ба омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишкада тақдим карда шуд.

**«НУРАФШОН»**

## ХУШХАБАР

### Муваффақияту комёбӣ дар ҷодаи илм

Санаи 9-уми январи соли равон саромӯзгори кафедраи сохтмони гидротехникӣ ва фанҳои умумитехникии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон Муҳаббатов Ҳамрохон Қурбонович дар Шӯрои диссертатсионии назди Пажӯҳишгоҳи химияи ба номи В.И. Никитинаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон рисолаи илмии номзадиашро дар мавзуи “Хусусиятҳои физико-химиявии хуллаҳои камлегиронидашудаи алюминҳои электротехникӣ” бо муваффақият ҳимоя намуданд. Муҳаббатов Ҳамрохонро ба ин комёбии беназир аз номи кулли устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишкада табрику таҳният намуда, барояшон боз ҳам фатҳи қуллаҳои баланди илмиро таманно менамоем.



## ЭЪЛОН!

Донистани таърихи тамаддун ва фарҳанги пурғановати миллати тоҷик тавассути мутолиаи китоби «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров барои ҳар инсони ватандӯст мояи сарфарозиву ифтихор аст. Китоби




«Тоҷикон»-и аллома Бобоҷон Ғафуров марҳилаҳои пайдоиши таърихии халқи тоҷикро пурра фаро гирифта, нишони абадзиндаи миллати бостонӣ ва тамаддунофари тоҷик аст ва барои наслҳои имрӯзу фардои Тоҷикистону ҷаҳон далели раъднопазир арзёбӣ мегардад.

Бо мақсади баланд бардоштани савияи донишу малакаи таърихӣ даври аввали озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикон - оинаи таърихи миллат»-ро ба диққати омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон мерасонад, ки нимаи аввали моҳи феврал дар Донишкада гузаронида мешавад.

**«НУРАФШОН»**

# Барномаи давлатии маърифат ва тарбияи экологии аҳолии Тоҷикистон

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи давлатии комплексии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020 дар таърихи 2-юми апрели соли 2015 қабул шудааст. Барномаи мазкур ин системаи ҳадафҳои афзалиятнок, вазифа ва принсипҳое мебошад, ки асоси сиёсати ҳадафҳои афзалиятнок, асоси сиёсати давлатии Тоҷикистонро дар соҳаи тарбия ва маърифати экологӣ ташкил дода, самтҳои асосии татбиқи он ва ташаккул додани маърифати экологии ҷомеаро муайян мекунад. Барнома ба рушди низоми бефосилаи тарбия ва маърифати экологии аҳолӣ равона карда шудааст. Он барои тарбияи инсоне, ки муҳиммияти мушкилоти муҳити зистро дарк мекунад ва дорои дониш, маҳорат ва малакаи зарурӣ буда, барои аз ҷиҳати экологӣ дуруст ҳал намудани масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии рушди мамлакат заруранд, пешбинӣ шудааст.

Барнома дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, таҳя шудааст. Таҳлили иҷрои Барномаи давлатии маърифат ва тарбияи экологии аҳолии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар давоми татбиқи барнома дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ факултетҳо ва кафедраҳои нав оид ба экология ва ҳифзи муҳити зист таъсис ёфтаанд.

Оид ба маърифати экологӣ барномаҳои таълимӣ мавҷуданд, ки ба тахасуси вобаста ба масъалаҳои экология ва ҳифзи табиат дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбӣ мутобиқанд.

Раванди бефосилагии тарбия ва маърифати экологӣ аз зарурати мутобиқшавии инсон ба муҳити зист доимотағйирёбанда сарчашма мегирад.

Ниҳоят он нуктаро бояд қайд,ки ба даст овардани истиқлолият имкониятҳои зиёдеро барои тараққиёти мустақилонаи Тоҷикистон дар соҳаи пешрафти иқтисодиёт ва иҷтимоиёт азнавсозии маънавиёту фарҳанги ҷамъият фароҳам овард. Хушбахтона бо меҳнати самараноки халқи Тоҷикистон пешравии бузурге, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат ба амал омад. Аз ҷумла дар соҳаи муҳити зист корҳои шоёне ба анҷом расонида шуданд. Мардуми заҳматкашу бунёдкори мо соҳибистиқлол гардида, худро ҳамчун халқи тавоно ва муқтадир ба ҳалли вазифаҳои мураккаби иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ нишон дод.

Маърифати экологӣ нисбатан ва бо муваффақият мунтазам ва дар пайдарпай дар мувофиқат бо давраҳои иҷтимоию равонии рушди шахсият ба амал омада метавонад. Тавре аз таҳлили нишондиҳандаҳои назорати давлатии экологӣ бармеояд, аксари қонунвайронкунии экологӣ бо сабаби кофӣ набудани донишу фарҳанги экологӣ ва сатҳи пасти омодагии экологии роҳбарон ва мутахассисони корхонаҳои саноатӣ, ки фаъолияташон ба ҳолати муҳити зист таъсири манфӣ мерасонад, рӯй медиҳад. Бинобар ин баланд бардоштани сатҳи дониши шахрвандон ва дараҷаи иштироки онҳо дар ҷустуҷӯи роҳи ҳалли мушкилот вобаста ба нигаҳдории муҳити зист хеле зарур аст. Ҳадафи барномаи мазкур такмили асосҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маърифат ва тарбияи экологӣ барои ташаккули ҷаҳонбинии нав ва тарзи ҳаёти нави ҷомеа, беҳтар намудани ҳолати муҳити зист ва ноил шудан ба мувофиқи он ва фароҳам овардани шароити мусоиди зисти аҳолии Тоҷикистон мебошад.

Муњимтарин санадњои меъёрию њуқуқии соња Қонунњои Ҷумҳурӣ «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ »(29 декабри соли 2010, № 673), «Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера» (28 декабри соли 2012, №915) ва «Барномаи давлатии комплексии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Љумҳурии Тоҷикистон» дар давраи то соли 2020 (қарори Њукумати Љумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2015, №178) мебошанд. Ҳадафи ин қонуну барномаҳо такмили асосҳои сиёсати давлатӣ оид ба маърифат ва тарбияи экологӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ, беҳтар намудани вазъи муҳити зист, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳаёти солим ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Ҷурабоева Ҳикоят,**
**н.и.к., саромӯзгори кафедраи «Фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ»**

## Панду андарҳои бузургон

*Агар хоҳӣ, ки донои замон андар замон бошӣ, замони худ бидон аввал.*

*Агар хоҳӣ, ки байни мардумон вирди забон бошӣ, забони худ бидон аввал.*

**Тилло Пӯлодӣ**

*Муаллим, то даме, ки зиндааст, мехонад: Ҳамин ки аз хондан бозмонд, симои муаллимиаш низ барҳам мехӯрад.*

**К. Д. Ушинский**

*Агар муаллим барои эҳёи тафаккури насли нав хизмат намекард, зиндагӣ як лаҳзам ҳам пеш намерафт.*

**А. С. Макаренко**

*Муаллим бояд кори худро бидонад ва ба масъулияти сангини худ таваҷҷӯҳи ҷиддӣ дошта бошад. Омӯзгор метавонад шахсони шоиста тарбия намояд, ӯ қодир аст, ки ҳатто одами бадкирдорро некӯ гардонад. Ҳеҷ ибодате беҳтар аз Муаллимӣ нест.*

**Ҳусейн Мазоирӣ**

НУРАФШОН
Нашрияи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон
**Муҳаррир:**
**Акмал Қурбонов**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
Исозода Диловаршоҳ
Зувайдуллозода Файзулло
Обидҷони Шаҳобиддин
Шарифова Зарина
Аҳмадҷон Ализода

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №130/РЗ-97 аз 27.03.2019. ба қайд гирифта шудааст. Ба хотири гуногунандешӣ маводи мақолаҳо низ нашр мешаванд, ки рӯзнома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Рӯзнома моҳе як маротиба дар Марказӣ инноватсионнӣ ва парки технологии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон нашр мешавад.
Нишонии мо: н.Кӯшониён, ҷамоати шаҳраки Бохтариён, кӯчаи Носири Хусрав 73.